# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Муҳаммадсафои Исматуллои Саъдуллозода дар мавзуи «Таърихнигории ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2016)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. Таърих ва бостоншиносӣ, 6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ ш.Душанбе, 2026. 186 с.**

**Мубрамии мавзуи диссертатсия.** Давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон аз нигоҳи тағйироти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ яке аз марҳилаҳои муҳимми таърихи навини кишвар ба ҳисоб меравад. Дар ин давра дар баробари ташаккули асосҳои давлатдории миллӣ, гузариш ба муносибатҳои нави иқтисодӣ, дигаргуншавии сохтори иҷтимоӣ ва рушди соҳаҳои маориф, илм ва фарҳанг низ сурат гирифт. Омӯзиши ин равандҳо на танҳо барои бозсозии воқеаҳои таърихӣ, балки барои муайян намудани дараҷаи инъикоси онҳо дар осори илмӣ аҳаммияти махсус дорад.

Аз ин нуқтаи назар, мавзуи интихобнамудаи Муҳаммадсафои Исматуллои Саъдуллозода ба яке аз масъалаҳои муҳими таърихнигории муосири тоҷик бахшида шудааст. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки маҷмуи осори илмии ба масъалаҳои рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон бахшидашударо ба низом дароварда, равишҳои асосии муҳаққиқонро нисбат ба таҳаввулоти давраи истиқлол муайян намояд.

Мубрамии мавзуъ инчунин аз зарурати бознигарии дастовардҳои таърихнигории миллӣ бармеояд. Зеро дар шароити рушди илми муосири таърихшиносӣ танҳо ҷамъоварии маълумот оид ба воқеаҳо кофӣ набуда, муайян намудани дараҷаи таҳқиқ, самтҳои илмӣ, хусусиятҳои методологӣ ва масъалаҳои ҳанӯз нокифоя омӯхташуда аҳаммияти хос пайдо менамояд. Бо дарназардошти ин омилҳо, мавзуи диссертатсия дорои аҳаммияти илмӣ ва таърихӣ буда, интихоби он аз ҷониби довталаб асоснок ба назар мерасад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Навгонии илмии диссертатсия пеш аз ҳама дар кӯшиши муаллиф барои таҳлили маҷмуӣ ва низомманди таърихнигории равандҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар солҳои 1991–2016 ифода меёбад. Диссертант бо ба низом даровардани доираи васеи осори таърихӣ ва илмӣ дараҷаи омӯзиши масъалаҳои асосиро муайян намуда, таҳаввули самтҳои пажуҳиш ва хусусиятҳои инъикоси онҳоро дар адабиёти илмӣ нишон додааст.

Ҷанбаи дигари навгонии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф масъалаҳои ислоҳоти иқтисодӣ ва аграрӣ, ташаккули муносибатҳои нави истеҳсолӣ, муҳоҷирати аҳолӣ, рушди маорифу илм, фарҳанг ва равобити

фарҳангии байналмилалиро ҳамчун самтҳои ба ҳам алоқаманди таърихнигории давраи истиқлол баррасӣ кардааст. Чунин муносибат имконият медиҳад, ки на танҳо мазмуни осори мавҷуда, балки тамоюлҳои умумии ташаккули таърихнигории Тоҷикистони соҳибистиқлол ошкор карда шаванд.

Ба ҳимоя пешниҳод шудани натиҷаҳои асосии таҳқиқот аз мантиқи умумии диссертатсия бармеояд. Аз ҷумла, муаллиф тавонистааст сатҳи таҳқиқи масъалаҳои асосии ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷумҳуриро муайян намуда, саҳми муҳаққиқони алоҳида ва самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти таърихнигориро мушаххас намояд. Ҳамзамон, дар диссертатсия масъалаҳои камомӯхта ва самтҳои ниёзманди таҳқиқоти минбаъда низ муайян гардидаанд.

Нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда бо мақсаду вазифаҳои таҳқиқот ва натиҷаҳои бевоситаи бадастомада алоқаманд буда, дорои аҳаммияти назариявӣ ва таърихнигорӣ мебошанд. Дар маҷмуъ, сатҳи навгонии пешниҳодшуда нишон медиҳад, ки диссертатсия ба таҳлилу ҷамъбасти осори илмӣ маҳдуд нашуда, тамоюлҳо ва хусусиятҳои ташаккули таърихнигории Тоҷикистони соҳибистиқлолро аз нигоҳи илмӣ муайян ва арзёбӣ менамояд.

**Дараҷаи илмии эътимоднокии натиҷаҳо ва хулосаҳо.**

Эътимоднокии натиҷаҳо ва хулосаҳои диссертатсия пеш аз ҳама ба истифодаи доираи васеи осори илмӣ, маводи таърихнигорӣ ва адабиёти соҳавии ба мавзуи таҳқиқ алоқаманд асос ёфтааст. Муаллиф маводи ҷамъовардашударо ба таври низомнок гурӯҳбандӣ ва таҳлил намуда, дидгоҳҳои муҳаққиқони гуногунро дар мавриди масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол муқоиса кардааст.

Эътимоднокии таҳқиқ ҳамчунин аз мутобиқати натиҷаҳои бадастомада ба мақсаду вазифаҳои диссертатсия ва пайванди мантиқии онҳо бо мазмуни бобу зербобҳо бармеояд. Хулосаҳои пешниҳодгардида натиҷаи таҳлили маводи таърихнигорӣ буда, бо мавқеъ ва натиҷаҳои таҳқиқоти мавриди омӯзиш қарордошта асоснок карда шудаанд.

Дар маҷмуъ, сатҳи таҳлили илмӣ, истифодаи усулҳои мувофиқи таърихнигорӣ ва ба низом даровардани маводи илмӣ барои эътимоднокии натиҷаҳо заминаи зарурӣ фароҳам оварда, хулосаҳои диссертантро аз ҷиҳати илмӣ қобили қабул мегардонад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.**

Хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия дар асоси натиҷаҳои таҳлили осори илмӣ ва таърихнигории марбут ба равандҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол ташаккул ёфтаанд. Муаллиф натиҷаҳои таҳқиқотро бо мазмуни бобу зербобҳо пайваста ҷамъбаст намуда, дар асоси

муқоисаи дидгоҳҳои муҳаққиқон сатҳи омӯзиши масъалаҳои мавриди назар ва самтҳои минбаъдаи таҳқиқро муайян кардааст.

Асоснокии хулосаҳо дар мутобиқати онҳо ба мақсаду вазифаҳои гузошташуда ва натиҷаҳои воқеии таҳқиқ зоҳир мегардад. Тавсияҳои пешниҳодшуда низ аз мазмуни таҳлил бармеоянд ва ба истифодаи натиҷаҳои бадастомада дар таҳқиқоти минбаъдаи таърихнигорӣ, таълими фанҳои таърих ва таҳияи корҳои илмӣ равона шудаанд. Хулоса ва тавсияҳои диссертант дорои асоси илмӣ буда, хусусияти ҷамъбастӣ ва натиҷагирӣ доранд. Мутобиқати онҳо ба натиҷаҳои таҳқиқ ва далелҳои дар диссертатсия овардашуда барои арзёбии эътимоднокӣ ва қобили қабули илмии онҳо заминаи муносиб фароҳам меорад.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия** аз муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, сохтори он ба мақсаду вазифаҳои таҳқиқот мутобиқ мебошад. Тартиби ҷойгиршавии бобу зербобҳо пайдарҳамии мантиқии таҳлили мавзӯъро таъмин намуда, мазмуни онҳо масъалаҳои асосии таҳқиқотро фаро мегирад.

Ҳаҷми рисола 180 саҳифаи чопи компютерӣ буда, дар таҳияи он зиёда аз 309 номгӯйи сарчашма ва адабиёти илмӣ истифода шудааст. Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ буда, барои ба таври муназзам пешниҳод намудани натиҷаҳои таҳқиқ заминаи зарурӣ фароҳам овардааст.

Дар муқаддима аҳаммияти мавзӯи таҳқиқ асоснок шуда, ҳадафу вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқот, навгонҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомада муайян карда шудаанд.

**Боби якум – «Инъикоси раванди ислоҳоти иқтисодӣ ва ташаккули муносибатҳои нави истеҳсолӣ дар таърихнигории ватанӣ»** ба яке аз самтҳои муҳимми таҳаввулоти давраи истиқлол бахшида шудааст. Муаллиф дар ин боб масъалаи инъикоси ислоҳоти иқтисодӣ ва ташаккули муносибатҳои нави истеҳсолиро дар осори таърихнигорон мавриди таҳлил қарор додааст.

Дар зербоби якум равандҳои асосии омӯзиши ислоҳоти иқтисодӣ ва тағйироти муносибатҳои истеҳсолӣ баррасӣ шуда, мавқеи муҳаққиқон нисбат ба масъалаҳои иқтисодиёт ва дигаргунсозии сохтори хоҷагидорӣ нишон дода шудааст. Муаллиф ба дараҷаи таҳқиқи масъала таваҷҷуҳ намуда, саҳми осори илмии мавҷударо дар ташаккули таърихнигории иқтисодии давраи истиқлол арзёбӣ кардааст.

Зербоби дуюм ба мақоми созмонҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ дар рушди иқтисодии ҷумҳурӣ бахшида шудааст. Дар он масъалаҳои ҳамкории иқтисодии Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалӣ, таъсири кӯмакҳои молиявию техникӣ ва инъикоси фаъолияти ин ниҳодҳо дар адабиёти илмӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтаанд. Ин бахш аз он ҷиҳат аҳаммият дорад, ки

ҷараёни ислоҳоти иқтисодӣ бидуни ба назар гирифтани робитаҳои байналмилалӣ пурра арзёбӣ шуда наметавонад.

**Боби дуюм – «Бозтоби ислоҳоти аграрӣ ва раванди муҳоҷирати меҳнатӣ дар асарҳои илмии таърихӣ»** масъалаҳои марбут ба ду раванди муҳими ҳаёти иҷтимоию иқтисодии давраи истиқлолро фаро мегирад. Дар зербоби якум масъалаи ислоҳоти аграрӣ дар заминаи осори муҳаққиқон баррасӣ шуда, тағйироти соҳаи кишоварзӣ, муносибатҳои хоҷагидорӣ ва самтҳои асосии пажуҳиши таърихнигорон муайян гардидаанд.

Зербоби дуюм ба омӯзиши заминаҳо ва раванди муҳоҷирати аҳолӣ бахшида шудааст. Дар он шаклҳои гуногуни муҳоҷират, аз ҷумла муҳоҷирати маҷбурӣ, дохилӣ ва меҳнатии хориҷӣ, инчунин сабабу омилҳои ташаккули онҳо мавриди таҳлили таърихнигорӣ қарор гирифтаанд. Афзалияти ин бахш дар он аст, ки масъалаи муҳоҷират на танҳо ҳамчун падидаи иҷтимоӣ, балки дар иртибот бо дигаргуниҳои сиёсӣ ва иқтисодии давраи истиқлол баррасӣ шудааст.

**Боби сеюм – «Таҳқиқи дастовардҳои илму маориф ва фарҳанги Тоҷикистони соҳибистиқлол дар таърихнигории миллӣ»** ба таҳлили самтҳои муҳими ҳаёти маънавӣ ва иҷтимоии ҷомеа бахшида шудааст. Дар зербоби якум дараҷаи омӯзиши рушди маориф ва илм дар асарҳои таърихӣ муайян шуда, масъалаҳои ташаккули низоми маориф, фаъолияти муассисаҳои илмӣ ва омодасозии кадрҳо баррасӣ гардидаанд.

Зербоби дуюм ба дастовардҳои фарҳангии ҷумҳурӣ бахшида шуда, дар он раванди барқарорсозӣ ва рушди соҳаи фарҳанг, ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ ва инъикоси ин равандҳо дар таърихнигории миллӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Дар зербоби сеюм масъалаи равобити фарҳангии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ дар таҳқиқоти илмӣ баррасӣ гардидааст. Муаллиф самтҳои ҳамкориҳои фарҳангӣ, илмӣ-таҳсилотӣ ва робитаҳои дуҷонибаву бисёрҷонибаро мавриди таваҷҷуҳ қарор дода, ҳамзамон нобаробарии дараҷаи омӯзиши равобити Тоҷикистон бо кишварҳои гуногунро нишон медиҳад.

Ҳамин тариқ, муҳтавои бобҳои диссертатсия аз муносибати низоммандонаи муаллиф ба таҳқиқи мавзуъ шаҳодат дода, имкон фароҳам меорад, ки дараҷа, самтҳо ва тамоюлҳои асосии омӯзиши таърихнигории Тоҷикистони соҳибистиқлол муайян карда шаванд.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти илмии таҳқиқот дар таҳлили дараҷаи омӯзиши таърихнигории равандҳои муҳими сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол ва муайян намудани масъалаҳои камомӯхтаи он ифода меёбад. Натиҷаҳои таҳқиқот барои рушди минбаъдаи таърихнигории муосири Тоҷикистон замина фароҳам меоранд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар имкони истифодаи натиҷаҳои он дар корҳои илмӣ, таълифи асарҳои таърихӣ ва маводи таълимӣ, инчунин дар раванди омӯзиши таърихи халқи тоҷик ва таърихнигорӣ зоҳир мегардад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти анҷомдодаи довталаб дар як қатор корҳои илмӣ инъикос ёфтаанд. Аз ҷумла, муаллиф вобаста ба мавзуи диссертатсия 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар маводи конференсияҳои илмӣ ба нашр расонидааст. Мазмуни интишорот пурра ба талаботи сархати аввали банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ҷавобгӯй мебошад.

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия мутобиқ ба бандҳои шиносномаи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. Таърих ва бостоншиносӣ, 6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мутобиқат менамояд.

Дар баробари арзёбии мусбати диссертатсия, ҳангоми омӯзиши он як қатор мулоҳизаҳои хусусияти илмӣ-тавсиявӣ дошта ба назар расиданд:

1. Ҳангоми таҳлили баъзе равандҳои иқтисодию иҷтимоӣ истифодаи бештари маводи рақамӣ ва маълумоти оморӣ имконият медод, ки тағйироти мавриди назар бо нишондиҳандаҳои мушаххас муқоиса карда шаванд.
2. Дар масъалаи равобити фарҳангии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ доираи таҳқиқоти мавҷуда яксон нест. Аз ин рӯ, ҷалби бештари таҳқиқоти марбут ба муносибатҳои фарҳангии Тоҷикистон бо баъзе давлатҳои дигар метавонист манзараи таърихнигории ин масъала пурратар гардонад.
3. Дар баъзе мавридҳо байни ҷамъбасти маводи таърихнигорӣ ва хулосаи муаллиф гузариши нисбатан кӯтоҳ ба назар мерасад. Муайян намудани мавқеи муаллиф баъд аз баррасии ҳар як гурӯҳи адабиёт метавонист ҷанбаи таҳлилии рисоларо боз ҳам тақвият бахшад.

Мулоҳизаҳои мазкур бештар хусусияти такмилӣ дошта, ба арзёбии умумии диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд. Муҳтавои умумии рисола, натиҷаҳои бадастомада ва сатҳи таҳлили маводи таърихнигорӣ нишон медиҳанд, ки муаллиф ба ҳадафи гузоштаи худ ноил гардидааст.

Диссертатсияи Муҳаммадсафои Исматуллои Саъдуллозода дар мавзуи «Таърихнигории ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991–2016)» таҳқиқоти мустақилона анҷомёфта буда, ба масъалаи муҳими таърихнигории миллӣ бахшида шудааст. Муаллиф дар он маводи зиёди илмиро ҷамъоварӣ ва таҳлил намуда, дараҷаи омӯзиши як қатор

равандҳои асосии ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистонро дар давраи истиқлол муайян кардааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот дорои аҳаммияти илмӣ буда, хулосаҳои муаллиф аз мазмуни диссертатсия бармеоянд. Сохтор ва муҳтавои рисола ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ буда, мавзуъ дар доираи ихтисоси интихобшуда мавриди омӯзиши зарурӣ қарор гирифтааст. Бо назардошти гуфтаҳои боло, метавон хулоса намуд, ки диссертатсияи мазкур ба талаботи мазкур ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он Муҳаммадсафои Исматуллои Саъдуллозода сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. Таърих ва бостоншиносӣ, 6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**номзади илмҳои таърих, дотсент,**
**мудири кафедраи таърих ва методикаи**
**таълими таърихи Донишгоҳи Давлатии**
**Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ** **Холмуродзода Меҳрафрӯз Бурӣ**

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вилояти Хатлон,
шаҳри Кӯлоб, кучаи Ҳ.Шерозӣ-66.
Тел: (+992) 985061818.
E-mail: mehrafruz_91 @mail.ru

*Имзои* ***Холмуродзода М.Б.*** *- ро тасдиқ мекунам:*

**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси Донишгоҳи**
**давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ** **Давлатзода М.А.**
31.08.2026.

МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН • ВАЗОРАТИ • ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ • РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Нишонӣ:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вилояти Хатлон,
іаҳри Кӯлоб, кучаи С.Сафаров 16.
Тел.: (8 33 22) 2 36 26,
Факс: (8 33 22) 3 35 06
E-mail: info@kgu.tj